**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Фақеров Ҳ.Н.__________
«_6_» феврали соли 2020

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

ба диссертатсияи Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзӯи «Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050900 - молия пешниҳод карда шудааст.

**1. Актуалӣ будани мавзӯи диссертатсия**

Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва таҳлили рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои баландбардории самаранокии фаъолияти низоми бонкии кишвар, масъалаҳои назариявии омӯзиши низоми бонкҳо дар шароити бозор, вусъатёбии вазифаҳои низоми бонкӣ вобаста ба муносибатҳои бозорӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дида баромадани сиёсати давлат дар бахши низоми бонкӣ, муайянкунии муаммоҳои баландбардории самаранокии фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосноккунии онҳо дар шароити имрӯза масъалаҳои муҳим ҳисобида мешаванд.

Паҳлуҳои асосии рушди соҳаи бонкӣ дар ояндаи наздик бояд ба ташкилкунии шароит барои рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини устувории низоми бонкӣ, баландбардориии нақши соҳаи бонкӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории самаранокӣ, амният ва бехатарии низоми бонкӣ, ташкил кардани шароит барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, тобовар будан ба тағйирёбиҳо дар бозори молиявии ҷаҳонӣ равона карда шавад.

Низоми бонкии самаранок амалкунанда, яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ин гуфтаҳо имрӯзҳо аз тарафи олимоии зиёд, иқтисодчиён ва кормандони соҳаи бонкӣ тасдиқ карда мешаванд. Тавассути амалӣ гардондани вазифаҳои бонкҳо низоми бонкӣ рушди устувори иқтисодиёти миллиро таъмин менамояд, аз он ҷумла боиси рушди истеҳсолот, соҳаи агросаноатӣ, пешравии саноат, таъмини инфрасохтори минтақавӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мегардад.

Устувории сатҳи иқтисодиёт ва устувории макроиқтисод аз давлат ва Бонки миллии Тоҷикистон талаб менамояд, ки роҳу усулҳои нав ба навро оид ба таъмини рушти низоми бонкӣ таҳия намуда, дар рақобатнокии ташкилотҳои қарзии мамлакат ва мукаммалгардонии танзиму назорати онҳо заминаҳои мусоид фароҳам оваранд. Бояд қайд кард, ки ин масъала дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба таври пуррагӣ омӯхта нашудааст, бинобарин таҳлили ин мавзӯи мазкур барои тараққиёти минбаъдаи низоми бонкии мамлакат ҳамчунин бонкҳо ҳамчун миёнарави молиявӣ ки дар шароити начандон хуби иқтисодӣ қарор доранд, такони бузург хоҳад дод.

Вобаста ба ин кори диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич, ки қисматҳои асосии баландбардории устувории молиявии рушди низоми бонкии кишварро дар бар мегирад, ба ақидаи мо мавзӯи муҳим буда дорои яккатор арзишҳои назариявию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии таҳқиқот.**

Асосноккунӣ, эътимоднокӣ ҷамъбасткуниҳо ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсиониро санадҳои қонунгузорӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон,

бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд, маводҳои конферанисияҳои илмӣ - амалӣ, монография ва дигар маводҳое, ки дар нашриёти даврӣ чоп гардидаанд, дар бар мегиранд.

Натиҷаҳои асосӣ ва паҳлӯҳои кори диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2014 - 2018) маърӯза карда шудаанд. Паҳлӯҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои макотибҳои олии ҷумҳурӣ тавсия гардида, дар низоми бонкӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Хулоса, пешниҳодҳо ва тавсияҳои методӣ, ки дар диссертатсия манзур шудаанд, дар корҳои илмии дар 4 маҷалла ва маводҳои конференсия интишоршуда инъикос гардидаанд. Аз ҷониби муаллиф 7 мақолаҳо дар ҳаҷми умумии 3,5 ҷ.ч., аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса иборат буда, он 171 саҳифа матни компютериро дар бар мегирад. Рӯйхати сарчашмаҳои истифодагардида ва адабиёти илмӣ аз 144 номгӯ иборат аст.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот** дар амиқ намудани методологияи иқтисодӣ - назариявӣ ва таҳлили институтсионалии низоми бонкӣ, муайянсозии самтҳои асосии баландбардории устувории молиявии бонкҳо ва коркарди стратегияи рушди бонк дар оянда инъикос меёбад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи назарияи иқтисод ва рушди иқтисодиёти институтсионалӣ пурра сохта, метавонанд ба базаи назариявии коркарди сиёсати пулӣ - қарзии давлат, ки ба рушди самараноки иқтисоди миллӣ равона карда шудааст, ворид карда шаванд.

**Мувофиқати мавзӯи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси КОА.** Соҳаи таҳқиқот ба Шаҳодатномаи ихтисоси 6D050900 – Молия ба қисми 10. - Бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии дигар, банди 10.1. - ташаккули

низоми бонкӣва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, банди 10.5. – устувории низоми бонкӣ ва стратегияи рушди он, банди 10.18. – муаммоҳои барқароркунӣ ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

**Методологияи таҳқиқот** аз истифодабарии равиши диалектикӣ оид ба ташаккулдиҳӣ ва амалисозии сиёсати молиявии бонкӣ, методҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ҷамъбастсозӣ, моделикунонии мантиқӣ, таҳлили ҷорӣ ва дурнамо, ва инчунин ҷанбаҳои бунёдӣ оид ба рушди иқтисоди бозорӣ, ки дар корҳои илмии иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ коркард гардидаанд, ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар коркарди стратегияи рушд ва баландбардории устувории молиявии низоми бонкӣ дар давраи дарозмуддат асос ёфтааст.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявии устувории молиявии низоми бонкӣ»** - аз тавсифу баррасии мафҳум ва моҳияти устувории молиявии бонк, омилҳои ба устувории молиявӣ таъсиррасон ва таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба рушди устовори низоми бонкии Тоҷикистон иборат аст.

**Боби дуюм - «Вазъи муосир, тамоюл ва баҳодиҳии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз таҳлил ва баҳодиҳии устувории молиявии низоми бонкӣ, тамоюли арзёбии устувории низоми бонкӣ ва методҳои баҳодиҳии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таркиб ёфтааст.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои баландбардории устувории молиявии низоми бонкӣ»** - роҳҳои баландбардории устувории молиявии бонкҳо, дороиҳои захиравӣ ҳамчун сарчашмаи баландбардории устувории молиявии бонк, консепсияи рушд ва таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоснокcозии назариявӣ - методӣ ва коркарди консептуалии ҳолатҳо, омилҳо ва механизмҳое, ки идоракунӣ ва баландбардории

устувории молиявии бонкро дар шароити муосир таъмин месозанд, ба ҳисоб меравад.

Барои ноил гардидан ба мақсади гузошта шуда ҳалли вазифаҳои зерин муҳим аст:

1. Муайян намудани мафҳуми «устувории молиявӣ», ва «бозоргирӣ» бо назардошти асосҳои консептуалии таҳқиқоти устувории молиявии низоми бонкӣ;

2.Ошкор ва пурра сохтани омилҳои баландбардорандаи устувории молиявии низоми бонкиро таъминкунанда;

3.Гузаронидани таҳлили пурраи муқоисавии устувории молиявӣ ва бозоргирии низоми бонкӣ дар шароити муосир;

4.Муайян намудани омилҳои асосие, ки ба баландбардории устувории низоми бонкӣ таъсир мерасонанд;

5.Сохтани модели баландбардории устувории молиявии низоми бонкӣ дар шароити фаъолгардонии фаъолияти бонкҳо;

6.Коркард намудани стратегияи рушд ва баландбардории устувории низоми бонкӣ дар ояндаи наздик.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии** диссертатсия дар он ифода меёбад, ки нуқтаю назарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, самтҳои асосиии мукаммалгардонии баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки устувории молиявии бонк ин таҷаммӯи баланди сармояи бонк, афзоиши ҳиссагузориҳои аҳолӣ дар ташаккули сарчашмаи асосии захираҳои бонкӣ, афзоишдиҳии бозоргирӣ, кифоягии сармоя ва васеъгардии бахши хизматрасонӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф, вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ ба захираҳои молиявӣ вобаста буда, ҳар қадаре, ки маблағи захираҳоро бонк зиёдтар

чалб намояд, ҳамон қадар иқтидори захиравии бонк боло рафта ҳамон қадар фаъолтар ҳисссагузории худро амалӣ месозад.

Муаммои таъмини устувории молиявии бонкҳо ба қатори муаммоҳои муҳими умумииқтисодӣ таалуқ дорад, чунин устувории пасти молиявӣ метавонад ба муфлисшавии бонк оварда расонад.

Дар баробари ин, устувории молиявии бонкҳо аз бузургӣ ва кифоягии сармоя, тавозуни дороиҳо ва уҳдадориҳо, сифати менеҷмент ва дигар нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад, ки ҳамаи инҳо ба омилҳои дохилӣ шомиланд. Дар алоқаманди бо ин, омилҳои берунӣ низ вуҷуд доранд, ба монанди ҷалби сармоягузорони хориҷӣ барои ташкилнамоии сармояҳои бонкҳо, амалисозии назорати мунтазами молиявӣ, гузарондани мониторинг ва дигар омилҳо мебошад.

Диссертатсияи Мирзоев  Сафарбек Саъдуллоевич «Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳими низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир - такмил додани механизми баландбардории устувории нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ бахшида шуда, аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Унвонҷӯ Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич тавонистааст таҳқиқотҳои гуногуни назариявию амалии олимон - иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷиро оид ба муаммоҳои низоми бонкӣ ва устувории молиявии бонкҳо муфассал таҳқиқ карда, фикру андешаҳои худро дар ин бора пешниҳод намояд. Муаллиф омилҳои ба нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо таъсиррасонандаро муфассал арзёбӣ кардааст.

Унвонҷӯ нақши низоми бонкиро дар рушди иҷтимоӣ - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, дар натиҷаи таъмини устувории молиявӣ, сармояи бонкӣ афзӯн гардида бо мақсади афзоиши  қайд кардааст, ки нақши маблағгузории бонкӣ хело назаррас ва калидӣ ба шумор меравад.

## Хулосаи умуми оиди кори диссертатсионӣ

Паҳлуҳои асосии рушди соҳаи бонкӣ дарояндаи наздик бояд ба ташкилкунии шароит барои рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини устувории низоми бонкӣ, баландбардориии нақши соҳаи бонкӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории самаранокӣ, амният ва бехатарии низоми бонкӣ, ташкил кардани шароит барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, тобовар будан ба тағйирёбиҳо дар бозори молиявии ҷаҳонӣ равона карда шавад.

Ҳамин тавр, баъди таҳлилу барасии рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки низоми бонкӣ дар иқтисодиёти миллии ҳар як мамлакат ҳамчун муҳаррики пешбаранда дар танзими муносибатҳои пулию қарзӣ баромад менамояд.

Фаъолияти бонкӣ ё бонкдорӣ ин фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Бонкҳо, ба истиснои бонки давлатӣ, дар шакли ҷамъияти саҳомӣ таъсис меёбанд.

Ҷиҳати таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ва эмин намудани он аз таъсири омилҳои берунию дохилӣ, татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ ва идоракунии хавфҳо татбиқ мегардад, ки мониторинг ва назоратро аз рӯи иҷрои меъёрҳои пруденсиалӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ ва коҳиш додани хавфҳои низоми бонкиро дар бар мегирад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама мукаммал намудани заминаҳои меъёрии танзимию назоратӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти устувори низоми бонкӣ муҳим мебошад.

Унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки меъёри муҳими устувории молиявӣ кифоягии сармоя ба шумор меравад, ки боэътимодона ва устувор сипарӣ намудани давраҳои буҳрониро нишон дода суботро нигоҳ дошта, пардохтпазирии бонкро таъмин месозад.

Хулоса, унвонҷӯ тавонистааст вазифаҳои дар диссертатсия гузоштаи худро пурра иҷро намояд.

Дарачаи назариявӣ ва сатҳи навгониҳои илмии диссертатсияи Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевичро мусбат арзёбӣ карда, қайд кардан зарур аст, ки диссертатсия мазкур аз баъзе камбудиҳо ва лаҳзаҳои баҳсталаб орӣ нест, аз ҷумла:

1. Нақшаи кори диссертатсияи таҳрири мазмунӣ, мантиқӣ ва имлоӣ мехоҳад. Муаллифро зарур аст дар боби якуми диссертатсияро мазмуни иқтисодии мафҳуми «устувории молияро»-ро шарҳ дода, мушаххасан муайян кунад, ки ба нишондиҳандаҳои асосии он чиҳо дохил мешаванд.

2. Муҳиммияти мавзӯи тадқиқот дар сатҳи зарурӣ асоснок карда нашудааст.

3. Баъзе нуктаҳои навгонии илмӣ бояд мушаххастар ифода карда шавад.

4. Дар саҳифаҳои 16 - 17 муаллиф ақидаҳои олимонро оид ба мафҳуми устувории молиявӣ пешниҳод намудааст, вале ақидаи худи муаллиф нисбати ин мафҳум оварда нашудааст.

5. Руйхати адабиёти истифодашуда аз руӣ талабот навишта нашудааст.

6. Дар диссертатсия ғалату иштибоҳоти имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ҷой дорад.

Вале бояд гуфт, ки камбудиҳои мазкур ба мазмуну муҳтаво ва аслияти диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро кам намекунанд. Диссертатсия илмии мустақилона анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисолаи диссертатсиони мувофиқат менамоянд.

Умуман, дар асоси гуфтаҳои боло мавзӯи рисолаи диссертатсионии Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич дар мавзуи «Баландбардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон» ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби омодасозии рисолаҳои илмӣ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия пешниҳод шудааст, фарогири масъалаи муҳим буда,

аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, муаллиф барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия Мирзоев Сафарбек Саъдуллоевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа ( Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо суратҷаласаи №6 аз 03 феврали соли 2020 муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст.

Раисикунандаи ҷаласа:
декани факултети молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Аминов Ф.И.**

**Котиби маҷлис:**
муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ **Ниёзов Ш.Х.**

**Лоиҳаи тақризро омода кардааст:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ **Қурбонзода Ф.Х.**

**Суроғаи муассиса:**
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ)
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
**Телефонҳо:** +992(37) 234-83-46; +992(37) 234-85-46. **E-mail:** tguk@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tguk.tj

Имзои “Аминов Ф.И., Ниёзов Ш.Х., Қурбонзода Ф.Х.” тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва ҳуҷҷатнигории ДДТТ **Мумтоз Назирӣ**